# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих).**

Таҳқиқоти илмии мазкур ба омӯзиши марҳилаҳои таърихии хатарҳои иттилоотӣ дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ махсуб мегардад. Мавзуи мазкур аз лиҳози илмӣ ва амалӣ аҳаммияти бузург дорад, зеро ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ як роҳи рушди ҳамгироии минтақавӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва муборизаҳои мусаллаҳона бар зидди хатарҳои иттилоотӣ мебошад.

Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои бойи таърихӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ байни давлатҳои минтақа, маводи расонаӣ ва таҳқиқоти илмии дохиливу хориҷӣ тавонистааст ҷараёни ташаккул ва таҳкими ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI-ро ҳамаҷониба инъикос намояд. Таҳқиқоти мазкур ба яке аз мавзуъҳои муҳимми илмӣ - таърихии муносибатхои байналмилалӣ бахшида шуда, аз нигоҳи мазмун, методология ва натиҷаҳои илмӣ арзишманд аст.

Дар кори илмӣ Фозилов Комрон Ҷамолович бо тарзи илмӣ ва воқеӣ марҳилаҳои хатарҳои иттилоотӣ ва усулҳои муқовимат ба онҳоро мавриди таҳқиқот қарор додааст, ки самтҳои асосии хамкорӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказиро фаро гирифтааст.

Муаллиф марҳилаҳои ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои Осиёи Марказиро мавриди таҳқиқоти густурда анҷом дода, инҷониб бо таври пайдарҳам таҳлил намуда, нақши созишномаҳои байнидавлатӣ, мулоқотҳои сатҳи олӣ ва сафарҳои расмиро дар таҳкими заминаҳои хуқуқӣ ва сиёсӣ бо

далелҳои муътамад нишон медиҳад. Дар ин замина, ба таври махсус ҷанбаҳои муҳимми ҳамкориҳои кишварҳоро дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ ва мубориза бар зидди хатарҳои итттилоотӣ маҳсуб мегардад.

Самти муҳимме, ки муаллиф дар таҳқиқоти худ анҷом додааст, ин пеш аз ҳама, ҷараёни таърихии ҳамкориҳои минтақавӣ дар самти амнияти иттилоотӣ инъикос кардааст ва ҳамзамон таҳлили муқоисавии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказиро дар доираи созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ анҷом додааст. Ин паҳлу ба кори илмӣ диди васеи таҳлилӣ мебахшад ва аҳаммиятнокии корро дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ меафзояд.

Муаллиф бо далелҳои муътамад нишон медиҳад, ки ҳар як давлати Осиёи Марказӣ стратегияи худро дар асоси афзалиятҳои миллӣ, сохтори сиёсӣ, сатҳи рушди технологӣ ва дастурҳои сиёсати хориҷӣ таҳия мекунад. Дар натиҷа, барои вокуниш ба мушкилоти иттилоотӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Дар таҳқиқот ҳамин тариқ, амнияти иттилоотӣ ба як масъалаи фарогир табдил меёбад ва онро на танҳо ҳамчун як соҳаи мустақили сиёсати давлатӣ, балки ҳамчун ҷузъи асосии таҳияи стратегия ва барномаҳои таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ баррасӣ кардан лозим аст. Муаллиф дар автореферати диссертатсия таъкид менамояд, ки ниҳодҳои дахлдори давлатӣ, марказҳои таҳлилӣ ва шарикони байналмилалӣ дар раванди таҳияи вокунишҳои ҳамаҷониба ба чолишҳои муосир омили иттилоотиро ба инобат гиранд.

Ҳамчунин, муаллиф дар автореферат ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ ва муборизаи мусаллаҳона бар зидди хатарҳои ҷойдошта дар доираи созмонҳои минтақавиро баррасӣ намудааст.

Аз матни автореферат бармеояд, ки муаллиф муносибати илмиро бо мавзуъ риоя намуда, тамоми хулосаҳои худро бар пояи далелҳо ва сарчашмаҳои муътамад асоснок кардааст. Забони илмии кори ӯ равон, дақиқ ва фаҳмо мебошад. Таҳқиқот бо сабку услуби таҳлилӣ ва бо риояи қоидаҳои методологии илмҳои таърих анҷом дода шудааст.

Таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои он метавонанд дар таҳияи барномаҳои стратегии ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ, донишгоҳҳо ва марказҳои таҳқиқотӣ истифода шаванд. Илова бар ин, ин кор метавонад ҳамчун маводи таълимӣ барои фанҳои соҳаи хизмати дипломатӣ, сиёсатшиносӣ ва таърихи муносибатҳои байналмилалӣ хизмат кунад.

Таҳқиқоти Фозилов Комрон Ҷамолович ба таври пурра ҷавобгӯи талаботи муосири илмҳои таърих буда, дорои сохтори мантиқӣ, мазмуни муфассал ва натиҷаҳои илмии асоснок мебошад. Муаллиф тавонистааст дар асоси омӯзиши амиқи таҷрибаи таърихӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои назариявию амалии арзишмандро пешниҳод намояд.

Дар маҷмуъ, аз мазмуну мухтавои автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти мазкур як кори ҳамаҷониба, илман асоснок ва дорои арзиши баланд мебошад. Муаллиф бо таҳлили амиқ ва истифодаи манбаъҳои сершумор тавонистааст равандҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳҳи муқовимат ба хатарҳои иттилоотӣ ва таъмини амнияти иттилоттии минтақавӣ дар марҳилаҳои гуногунро инъикос намояд. Ин таҳқиқот барои муҳаққиқон, донишҷӯён ва мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун намунаи кории илмӣ хизмат мекунад.

Бо назардошти аҳаммияти мавзуъ, сатҳи баланди таҳқиқот, навоварӣ ва асоснокии натиҷаҳо, метавон хулоса кард, ки автореферат ва диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» ба

талабот ва меъёрҳои мукаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих) сазовор мебошад.

**Муқарриз;** номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърих ва
робитаҳои байнифарҳангии
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Икромов Ғ.Х.

Имзои н.и.т., дотсент Икромов Ғайбулло Ҳоловичро тасдиқ менамоям:

15.11.2025

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи С. Улуғзода Юсупова Б.Ғ.